ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

UNDP

*Одамони комилҳуқуқ. Кишварҳои босубот.*

ҲЕЛВЕТАС Свисс Интеркооперейшен | тоҷикистон

# МУОМИЛАИ ОИЛАВӢ

*Лоиҳа аз ҷониби Ҳукумати Швейтсария маблағгузорӣ карда шуда истодааст*

**Schweizerische Eidgenossenschaft**
**Confederation suisse**
**Confederazione Svizzera**
**Confederaziun svizra**

Swiss Confederation
Конфедератсияи Швейтсария

*Душанбе*

Маводи мазкур дар чаҳорчубаи лоиҳаи "Дастрасӣ ба адолат" таҳия гаштааст, ки аз ҷониби филиали ассотсиатсияи "ҲЕЛВЕТАС Свисс Интеркооперейшен" ва Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид бо дастгирии молиявии Раёсати Швейтсария оид ба рушд ва ҳамкорӣ (SDC) дар Тоҷикистон амалӣ мегардад.

Муомилаи оилавӣ, чи муомилаи байни ҳамсарон, чи муомилаи байни волидайн ва фарзандон, яке аз ҷузъҳои асосии зиндагии ҳар як инсон ҳисобида мешавад. Аз ҳамин лиҳоз, саволҳои ҳуқуқие, ки танзимкунандаи муносибатҳои оилавӣ ҳастанд, ба худ таваҷҷӯҳи зиёдеро талаб мекунанд. Дар маводи таълимӣ-брошюраи мо Шумо метавонед ба он саволҳое, ки шаҳрвандон, дар бисёр мавридҳо, дар қабули ёрии ҳуқуқии ройгон ба мо медиҳанд, шинос шавед. Дар ин брошюра намунаҳои амалҳои зиндагӣ дарҷ гардидаанд ва дар охири он, Шумо метавонед бо намунаи ҳар гуна аризаҳои даъвогӣ шинос шавед. Бояд як чизро қайд кард, ки дар зери мафҳуми никоҳ, мо он никоҳеро дар назар дорем, ки дар мақомоти САҲШ ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

## *1.Барои қайди ақди никоҳ чи лозим аст?*

Пеш аз ҳама шахсоне, ки мехоҳанд ба қайди ақди никоҳ дароянд, бояд ба синну соли никоҳи расида бошанд, яъне ба 18 солаги. Ба ғайр аз ин, барои бастани ақди никоҳ шумо бояд ба мақомоти САҲШ пеш аз як моҳи қайди ақди никоҳи худ ариза пешниҳод намоед. Бланки Ариза аз тарафи мудири мақомоти САҲШ ба Шумо пешниҳод карда мешавад, ки дар он хатман розигии ҳардутараф барои бастани ақди никоҳ дарҷ гардидааст. Дар аризаи дуҷониба оид ба бастани ақди никоҳ Шумо бояд чунин маълумотҳоро пешниҳод намоед: ному насаби худ, номи падар; таърих ва ҷои таваллуд; сину сол; табаъият; миллат; ҷои истиқомат; интихоби насаб, ки баъд аз бастани ақди никоҳ ба шумо дода мешавад, маълумоти шиносномаи шумо. Шумо ва ҳамсари ояндаи шумо дар аризаи худ оид ба бастани ақди никоҳи якҷо-



яи шумо, имзо мегузоред. Барои бастани ақди никоҳ, Шумо бояд чунин ҳуҷҷатҳоро пешниҳод намоед: шиносномаҳои худ, шаҳодатномаи бекоркунии ақди никоҳ (агар чунин бошад), нусхаи шаҳодатномаи марги ҳамсар (агар чунин бошад) ва қарори суд оид ба паст кардани синни никоҳӣ (агар чунин бошад).

Агар яке аз тарафҳои никоҳшаванда шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрвандӣ бошад, бояд ҳатман ҳуҷҷати тасдиқкунандаи истиқомат дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мӯҳлати на камтар аз як соли охир ва аҳдномаи никоҳи басташуда пешниҳод карда шавад. (ҚҶТ аз 25.03.11с.№711)

***2. Оё ҳолатҳое ҳастанд, ки монеаи ақди никоҳ мегарданд?***

Дар моддаи 14 Кодекси Оилаи ҶТ ҳолатҳое, ки барои бастани ақди никоҳ монеа мегарданд батартиб муқаррар шудаанд ва аз он бармеояд, ки ақди никоҳ байни шахсони зерин манъ аст:

- байни шахсоне, ки яке аз онҳо дар никоҳи дигари ба қайдгирифташуда қарор дошта бошад;




- байни хешовандони наздик (падар ё модар бо фарзанд, бобо ё бибӣ бо набераи худ);
- байни бародарону хоҳарони айни ва ӯгай ( ки аз як падар ё модаранд);
- байни фарзандхондагон ва фарзандхондшудагон;
- байни шахсоне, ки суд яке аз онҳоро бо сабаби бемории рӯҳи ё сустақлиаш (ноқисулақлиаш) гайри қобили амал эътироф кардааст;
- байни шахсоне, ки суд яке аз онҳоро бо сабаби суиистифодаи нӯшокиҳои спирти ё маводи нашъадор дорои қобилияти маҳдуди амал эътироф намудааст.

***3. Як моҳ пеш, ман бо арӯсам ба мақомоти САҲШ ариза додем, ва баъд аз чанд муддате арӯсам ба беморхона ғалтид. Фурсати қайди ақди никоҳи мо ҳам расидааст. Ман метавонам ба мақомоти САҲШ танҳо омада, ақди никоҳамонро ба қайд гирам?***

Қайди акди никоҳ фақат дар ҳузури шахсоне, ки никохи худро ба кайд мегирад, амалӣ мегардад. Шумо метавонед қайди ақди никоҳатонро ба ягон вақти дигар, то сиҳатёбии арӯсатон, мавқуф гузоред.

Дар хусусе, ки шахсони никоҳшаванда ё яке аз онҳо ба мақомоти САҲШ бо сабаби беморӣ ё бо дигар сабаби узрнок омада наметавонанд, қайди давлатии ақди никоҳ дар хона, муассисаи тиббӣ ё дигар муассиса бо иштироки шахсони никоҳшаванда, амалӣ карда мешавад.

***4. Баъди пешниҳоди ариза ба мақомоти САҲШ барои бастани ақди никоҳ як моҳ интизорӣ кашидан лозим аст?***

Дар мавридҳои истисноӣ, бо будани сабабҳои узрнок (ба мисли ҳомилагии арӯс, будани модаркалон дар дами марг,

сафари писараш) қайди ақди никоҳ пеш аз мӯҳлат амалӣ карда мешавад.

***5. Хешу тabори домод истодагарӣ карда истодаанд, то ки ман муоинаи тиббӣ гузарам. Ман муқобил нестам барои гузаштани муоинаи тиббӣ, аммо мехоҳам фаҳмам, ман ҳам метавонам талаб кунам, ки домод низ аз муоинаи тиббӣ гузарад?***




Ӯ вақти зиёде дар Руссия, барои кор рафта буд, аз ҳамин лиҳоз ман ҳам мехоҳам аз вазъи саломатии ӯ хабардор шавам.

Муоинаи тиббии шахс, фақат бо розигии шахсоне, ки издивоҷ мекунанд, гузаронида мешавад. Ҳеҷ кас Шумо ва ё домодшавандаи шуморо барои гузаштани муоинаи тиббӣ маҷбур карда наметавонад. Дар ҳолати мазкур, Шумо метавонед аз ӯ хоҳиш кунед, ки аз муоинаи тиббии касалиҳои олоти таносул ё СПИД гузарад. Дар мавриди аз Шумо

пинҳон намудани ҳамсаратон касалиҳои сирояткунандаи худ, никоҳи шумо бо қарори суд бекор дониста мешавад. Бе розигии домод (арӯс) ҷамъи маълумот оид ба вазъи саломатии ӯ манъ аст.

***6. Ман 20 сола ҳастам ва падару модарам бе хоҳиши ман маро маҷбур мекунанд ба он нафаре, ки ягон бор надидаам ба шавҳар бароям. Оё ман метавонам издивоҷро рад кунам?***

Ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад, ки шуморо, бе хоҳиши шумо, ба никоҳ баромадан маҷбур созад. Никоҳ фақат бо хоҳиши ҳар ду тарафи издивоҷшаванда амалӣ мегардад. Дар дигар ҳолат, нисбати он нафароне, ки шуморо маҷбур месозанд, парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда мешавад.

***7. Писари ман ба Руссия барои кор рафтааст ва ӯ мехоҳад, ки дар ҳамон ҷо бо шаҳрванди Тоҷикистон издивоҷ кунад. Баргаштани ӯ ба Тоҷикистон барои қайди ақди никоҳи худ зарур аст?***

Не, ҳатмӣ нест, чунки ақди никоҳ байни шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки




берун аз ҳудуди ҶТ зиндагонӣ менамоянд, (дар ҳолати Шумо бошад дар Федератсияи Руссия) дар намояндагиҳои дипломатӣ ва консулгариҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа баста мешавад.

Маълумот: намояндагиҳои дипломатӣ ва консулгариҳои ҶТ дар чунин шаҳрҳои Федератсияи Руссия - Москва, Екатеринбург ва Уфа мавҷуд аст.

***8. Ман бо шавҳарам қариб ду сол аст, ки дар никоҳи мусулмонӣ зиндагонӣ мекунем, мехостам фаҳмам, ки никоҳи мо дар ҶТ эътироф мешавад, ман дар чунин никоҳ ҳаққи амвол дорам ё на?***

Дар ҶТ фақат он никоҳе эътироф мешавад, ки дар мақомоти САҲШ ба қайди давлатӣ гирифта шуда бошад. Никоҳе, ки бо қоидаҳои динӣ баста мешавад, ягон оқибати ҳуқуқӣ надорад. Дар ин никоҳ, молу

мулки харида амалан ба он ҳамсаре тааллуқ дорад, ки ба номаш гузаронида шудааст, ғайр аз ҳуқуқ ба фарзандоне, ки аз ин никоҳ ба дунё омадаанд.

Дуюм, ҳамсар метавонад ҳуқуқи молу мулкии худро мавриди баҳс қарор диҳад, ба шарте, ки ӯ исбот карда тавонад, ки дар мавриди хариди он мол саҳм гузоштааст.

Чӣ хеле, ки таҷрибаи судӣ нишон медиҳад, дар ин гуна ҳолатҳо ягона шахси озордида ин занҳое мебошанд, ки дар никоҳи мусалмоние, ки аз қайди никоҳи давлатӣ нагузаштаанд, қарор доранд ва дар натиҷа ҳуқуқ ба молу мулки якҷояро аз даст медиҳанд, зеро ба корҳои хоҷагӣ ва тарбияи фарзандон машғул мебошанд.

***9. Шавҳари ман дар никоҳи қонунӣ бо ман ва фарзандони ноболиғамон зиндагонӣ мекунем ва ғайр аз ин ӯ бо зани дигаре зиндагӣ мекунад, ки аз ӯ фарзанд дорад. Вай гоҳе ба хонаи мо ва гоҳе ба хонаи дигар оилааш меравад. Ман мехостам аз ӯ ҷудо шавам, аммо ӯ ба ман бекор кардани никоҳ намедиҳад ва мехоҳад ҳамин ҳолатро нигоҳ до-***

***рад. Шавҳари маро дар асоси ҳам бо ман ва ҳам бо дигар оилааш зиндагӣ карданаш ба ҷавобгарӣ кашидан мумкин аст?***

Бале, шавҳари Шуморо барои дузанӣ ё бисёрзанӣ ба ҷавобгарӣ мекашанд, чунки ҳамхонагӣ бо ду ва ё зиёда занҳо бо бурдани хоҷагии якҷоя аз рӯи қонун манъ аст. Ин амал ҷавобгарии ҷиноятиро ба вуҷуд меорад. Агар Шумо ё ягон нафари дигар омода бошед (парвандаҳои ҷиноятӣ дар ин ҳолат фақат бо аризаи яке аз ҳамсарон ё ҳамзистон оғоз мешавад), ба мақомоти прокуратура оид ба ин воқеа ариза нависед, нисбати он мард парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда мешавад. Баъд аз гузаронидани тафтишоти пешакӣ, муфаттиш ҳуҷҷатҳоро ба суд равон менамояд, ки он дар навбати худ парвандаро омӯхта, ба хулосае оид ба гунаҳгорӣ ё бегуноҳии мард меояд.



Ҳар як мард бояд танҳо бо як зан хонадор шавад.

Агар суд ба хулосае ояд, ки ӯ чунин

кирдорро содир кардааст, вобаста ба вазнинии гуноҳ, ҷавобгарӣ дар намуди ҷарима, корҳои ислоҳӣ ё ин, ки маҳдуд сохтани озодӣ ба мӯҳлати на зиёда аз 5 сол муқаррар карда мешавад.

***10. Ман бо шавҳарам зиёда аз 7 сол аст, ки бо ҳам зиндагӣ мекунем. Соҳиби 3 фарзанд ҳастем, аммо никоҳи мо ба қайд гирифта нашудааст. Баъд аз ин қадар соли зиндагии оилавӣ, мо метавонем никоҳи худро ба қайд гирем?***

Бале, Шумо метавонед никоҳи худро ба қайд гиред, ҳатто дар вақти зиндагонии оилавиатон. Барои сабти никоҳи худ, Шумо бояд ба мақомоти минтақавии САҲШ дар ҷои зисти худ, муроҷиат намоед.

***11. Шавҳари ман 15 сол шуд, ки вафот кардааст. Мо 10 сол дар никоҳи расми будем. Ҳоло ман мехоҳам бори дигар ба шавҳар бароям. Чи бояд кард, зеро ман то ҳол дар ақди никоҳи шавҳари вафоткардаам қарор дорам.***

Мувофиқи Кодекси оилаи ҶТ никоҳ, дар мавриди фавти яке аз ҳамсарон, бекор карда мешавад. Дар ин хусус Шумо ме-

тавонед бо дигар шахс, баъди пешниҳоди шаҳодатнома оид ба вафоти шавҳаратон, ақди никоҳ бандед.

***12. Мо духтарамонро ба шавҳар додем. Пеш аз никоҳ хешу табори домод ба мо як ҷавонмарди зебо ва сиҳатро нишон доданд, баъд аз бастани ақди никоҳ дар тӯй маълум шуд, ки домод дигар шахс аст. Маълум шуд, ки ӯ олусӣ доштааст, саломатиаш ҳам хуб нест. Хешу табори домод моро фиреб доданд ва ҳеҷ чизро фаҳмидан намехоҳанд, мегӯянд, ки барои фикр кардан алакай хеле дер шудааст. Мегӯянд, ки духтари мо алакай ба писари дуюмашон – ба яке аз дугоникҳо, оиладор шудааст. Мо фавран ӯро ҳамроҳи худ ба хона овардем. Дар ин ҳолат метавон никоҳро ғайриқонунӣ ҳисобид, агар не, бо кадом асос никоҳро ғайриқонунӣ бояд эътироф намуд?***

Бале, мувофиқи қонунгузории оилавӣ никоҳе, ки маҷбуран ё ин, ки бо роҳи фиреб баста шудааст, метавон бо тарики тартиби судӣ, баъд аз пешниҳоди ариза аз тарафи ҷабрдида ё прокурор, ғайриқонунӣ



Ҳуқуқи вазифаи волидон дар назди фарзанд баробар аст

ҳисобид. Инчунин никоҳ метавонад ғайриқонунӣ ҳисобида шавад, агар розигии дутарафа байни марду зане, ки ақди никоҳ мебанданд, набошад.

***13. Ман мехоҳам аз шавҳарам ҷудо шавам, мо ду фарзанд дорем, ки синну соли гуногун доранд. Барои талоқро амалӣ кардан, чӣ бояд кард ва кадом ҳуҷҷатҳо лозиманд?***

Дар ҳолати шумо, ҷараёни бекор кардани ақди никоҳ бо тартиби судӣ амалӣ мегардад, чунки Шумо фарзанди ноболиғ доред. Барои ба тарики судӣ ҷудо шудан, шумо бояд аризаи даъвогӣ оид ба бекоркунии ақди никоҳи худ, пешниҳод намоед. Якҷоя бо ариза, шумо бояд чунин ҳуҷҷатҳоро пешниҳод намоед: нусхаи шиноснома, шаҳодатномаи ақди никоҳ, шаҳодатнома оид ба тавлиди фарзандон ва квитансия оид ба пардохти боҷи давлатӣ. Никоҳе, ки дар мақомотҳои САҲШ бекор карда меша-

вад, баъд аз қайди давлатии он дар китоби сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, агар дар мақомоти суд бошад, баъд аз ба қувваи қонунӣ даромадани ҳалномаи суд оид ба бекор кардани ақди никоҳ, ки дар мақомоти САҲШ ба қайд гирифта мешавад бекоршуда ба ҳисоб меравад. (моддаи 25 КО ҶТ).

***14. Ман мехоҳам аз шавҳарам ҷудо шавам. Шавҳарам бо ин розӣ аст. Аз никоҳамон як фарзанди 2,5 сола дорем. Илтимос ба ман фаҳмонед, ки агар тарафҳо ба бекор кардани ақди никоҳ розӣ бошанд, нақшаи дуруст тартиб додани ҳуҷҷатҳо чӣ хел сурат мегирад?***



Мувофиқи қонун бекор кардани ақди никоҳ бояд ба тариқи супурдани ариза ба мақомоти САҲШ (ЗАГС) ва Суд баргузор гардад, на ба воситаи телефон.

Шумо метавонед бо аризаи даъвогӣ оид ба бекоркунии никоҳ ба мақомоти суди маҳали зисти худ ё шавҳаратон мурочиат намоед (агар фарзандатон бо Шумо зиндагонӣ кунад). Бо аризаи даъвогии худ шумо бояд чунин ҳуҷҷатҳоро пешниҳод намоед: нусхаи шиноснома,

шаҳодатномаи акди никоҳ, шаҳодатнома оид ба таваллуди фарзандон ва квитансияи пардохти боҷи давлатӣ ва боз бо ташаббуси судя, аз шумо маълумотномаи ҷои истиқомат талаб карда мешавад. Дигар тараф бошад (ҳамсари мард ё зан), фақат розигии хаттии худро ба суд пешниҳод мекунад. Ҳалли масъалаи пардохти алимент низ дар баробари дида баромадани аризаи шумо оид ба бекор кардани никоҳи худ ё ин, ки бо роҳи додани аризаи даъвогии алоҳида ба суд оид ба ситонидани алимент амалӣ мегардад.

***15. Ман бо шавҳарам чанд сол аст, ки зиндагонӣ намекунам, мо фарзандони калон дорем. Аммо ӯ ҷудо шудан намехоҳад. Дар ин маврид чӣ бояд кард?***

Шумо метавонед бо аризаи даъвогӣ оид ба бекор кардани никоҳи худ, чӣ ба мақомоти суди маҳали зисти худ ё чӣ ба мақомоти суди маҳали зисти шавҳаратон, муроҷиат намоед. Дар баробари додани аризаи даъвогӣ, шумо бояд чунин ҳуҷҷатҳоро пешниҳод намоед: нусхаи шиноснома,

шаҳодатномаи ақди никоҳ (аслӣ), ва квитансия оид ба пардохти боҷи давлатӣ. Дар чунин ҳолат суд ба шумо мӯҳлат барои оштишави аз 1 то 6 моҳ медиҳад. Агар дар ин мӯҳлат шумо оштӣ нашавед суд никоҳи шуморо бекор менамояд.

***16. Ман мехоҳам аз шавҳарам ҷудо шавам. Ба ман бигӯед, кадом далелҳо метавонанд дар маротибаи якум бе ягон мӯҳлат барои оштӣ никоҳи моро бекор кунанд? Ман соҳиби фарзанди 3,5 сола ҳастем. Чунин воқеа рух доданаш мумкин аст, ки шавҳарам фарзандамро аз ман ҷудо кунад?***


Баъди бекор кардани ақди никоҳ, моликияти муштараки зану шавҳар бояд баробар тақсим карда шавад.

Суд дар мавриди дида баромадани аризаи даъвогии шумо оид ба бекоркунии ақди никоҳ ба Шумо вақт барои оштӣ ҷудо менамояд. Ин мӯҳлат набояд аз 6 моҳ зиёд бошад. Никоҳ дар он мавриди бекор карда мешавад, ки суд ба чунин хулоса ояд: имконияти давом додани

зиндагии ҳамсарон дар якҷоягӣ ва нигаҳдории оила ғайриимкон аст ва чораҳои ба ҳам оштӣ кунонидани ҳамсарон, ягон натиҷае намедиҳанд.

Падару модар ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои баробар нисбати фарзандони худ доранд. Аз ҳамин лиҳоз ҷавоб ба саволи бо кадоме аз волидайн бояд фарзанд монад, баъд аз бекор кардани ақди никоҳ, ба ихтиёри суд ва дар асоси конун вогузор мегардад.

***17. Шавҳари маро бо ҳукми суд 15 сол аз озодӣ маҳрум карданд. Ман мехоҳам аз ӯ ҷудо шавам, барои ин амал чӣ бояд кард?***

Мувофиқи қонун, агар кадоме аз ҳамсарон барои содир кардани ҷиноят бо ҳукми суд зиёда аз 3 сол аз озодӣ маҳрум шуда бошад, ҳамсари дигар метавонад яктарафа ақди никоҳро қатъ намояд. Аз ин рӯ Шумо метавонед ба мақомотҳои САҲШ бо ариза оид ба бекор кардани никоҳатон муроҷиат намоед, вале ғайр аз ариза, оид ба бекор кардани никоҳи худ, нусхаи ҳукми судро, ки ба қувваи қонунӣ даромадааст, пешниҳод намоед. Мақомоти САҲШ ҳамсари

маҳкумшударо оид ба аризаи пешниҳодшуда ва санаи муқарраршудаи бекор кардани никоҳ, дар муддати 3 рӯз огоҳ менамояд. Дар ин ҳолат, қайди давлатӣ оид ба бекор кардани никоҳ, ки бо аризаи яке аз ҳамсарон буд, дар шоҳидии ӯ баъд аз як моҳи пешниҳоди ариза, амалӣ мегардад (м.43 Қонун «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ»).

***18. Оё шавҳарам ҳуқуқ дорад, ки аз ман ҷудо шавад, дар ҳолате, ки ман ҳомиладор бошам?***

Шавҳар дар вақти ҳомиладор будани ҳамсараш ва то синни 1,5 (якуним) солагии фарзанди таваллудёфта, ҳуқуқи додани аризаи оид ба бекор кардани акди никох надорад, ба шарте, ки зани ҳомилааш аз номи худ ба суд аризаи даъвоги оид ба бекор кардани никох пешниход нанамояд. Суд ҳуқуқи бекор кардани акди никоҳи ҳамсаронро дорад, ба шарте, ки зан худ ба ин розӣ бошад.

***19. Зани ман мехоҳад аз ман ҷудо шавад, аммо ман ба ин розӣ нестам. Мехоҳам ои-***

***лаамро нигоҳ дорам, аммо ӯ аризаи даъвогӣ ба суд додааст. Оё суд моро танҳо бо хоҳиши ӯ ҷудо карда метавонад?***



Кудакон бояд ба тариқи супурдани алимент нигохубин карда шаванд.

Агар яке аз тарафҳо ба бекор кардани никоҳ розӣ набошад, суд ба ҳамсарон барои оштишавӣ вақт ҷудо мекунад, ки мӯҳлаташ на зиёда аз 6 моҳ аст. Агар тарафҳо дар муддати ин вақт оштӣ нашаванд, дар ин ҳолат суд ҳалнома оид ба бекоркунии никоҳро мебарорад.

***20. Чӣ тавр ман никоҳи писарамро бекор карда метавонам, агар ҳамсараш дар Федератсияи Руссия қарор дошта бошад. Розигии ӯ ҳатмӣ аст?***

Бале, розигии ҳамсарон барои бекор кардани акди никоҳ зарур аст, ҳатто агар яке аз ҳамсарон дар хориҷи кишвар бошад. Барои бекор кардани никоҳ омадани ҳамсар зарур нест.

Ӯ розигии худро бо роҳи тартиб додани ҳуҷҷат, ки аз тарафи нотариус тасдиқ мешавад ва фиристодани он ба ҷои баррасии парванда оид ба бекоркунии никоҳ, метавонад изҳор кунад.

**_21. Оё паст намудани синни соли ақди никоҳ мумкин аст? Ва тартиби он чи гуна аст?_**

Дар ҳолатҳои истисноӣ суд ҳуқуқ дорад дар асоси хоҳиши шахсони издивоҷ кунанда синни никоҳиро на бештар аз як сол кам кунад.

**_22. Қонунгузории ҶТ кадом шартҳоро баҳри бастани ақди никоҳ бо шаҳрванди хориҷа пешбини менамояд?_**



Хангоми хомиладории зан ва дар давоми якуним сол пас аз таваллуди кудак шавхар хукуки бекор кардани ақди никохро надорад.

Тибқи моддаи 12 КО ҶТ Агар яке аз тарафҳои никоҳшаванда шаҳрвандӣ хориҷӣ ё шахси бешаҳрванд бошад, шартҳои иловагии зерин талаб карда мешаванд:- истиқомат дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон на камтар аз як соли

охир; - истиқомат дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон на камтар аз як соли охир; - бастани аҳдномаи никоҳ ба таври ҳатмӣ (Қонуни ҶТ аз 25.03.2011 № 710).

Инчунин дар асоси к. 4 моддаи 42 КО ҶТ Дар аҳдномаи никоҳе, ки яке аз тарафҳои никоҳшаванда шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрвандӣ мебошад, бояд шартҳои зерин ба таври ҳатмӣ пешбинӣ карда шаванд:

- муносибатҳои молумулкии тарафҳо, ҳуқуқу ӯҳдадориҳои онҳо оид ба молу мулк;
- ӯҳдадориҳои тарафҳо вобаста ба таъмини фарзандон;
- бо манзили истиқоматии шахси таъмин намудани ҳамсар ва фарзандон; - нигоҳубини ҳамсари корношоями эҳтиёҷманд (Қонуни ҶТ аз 25.03.2011 № 710).

## ҲУҚУҚ ВА ӮҲДАДОРИҲОИ ҲАМСАРОН

**Ҳуқуқи интихоби насаби ҳамсарон.**

***23. Ман зиёда аз як сол шуд, ки аз шавҳарам ҷудо шудам. Дар вақти хонадоршавиам насаби шавҳарамро гирифтам ва баъди бекор кар-***

***дани никоҳ аз насаби шавҳарам даст кашидам. Агар ман дар ояндаи наздик ба шавҳар бароям у насаби шавҳари навамро интихоб намоям, ба ман ҳозир шиносномаи нав бо насаби духтариам лозим аст?***

Ҳамсаре, ки баъди издивоҷ насабашро иваз менамояд, ҳуқуқ дорад, ки баъд аз бекор кардани никоҳ насаби ҳамсарашро боқӣ гузорад, вале фақат бо розигии ҳамсари собиқ. Агар баъди бекор кардани никоҳ Шумо насаби пеш аз издивоҷро гирифтед, бояд ҳатман шиносномаатонро иваз кунед.

***24. Ман аз шавҳарам чанд сол аст, ки ҷудо шудам. Фарзандам баъди ҷудо шудан бо ман монд. Шавҳарам баъд аз ин зуд ба хориҷа рафт, ӯ ба мо ёрӣ намерасонад, 13 сол шудааст, ки мо ягон маълумоте дар бораи ӯ надорем. Писарамро танҳо калон карда истодаам. Дар вақти таваллуд, дар шаҳодатномаи таваллудаш насаби шавҳарамро навиштанд. Ман мехоҳам фаҳмам, ки метавонам насаби фарзандамро бе розигии собиқ шавҳарам, иваз намоям, чунки ман***

***намедонам ӯ дар куҷо аст?***

Иваз намудани насаби фарзанди худ, ки ба синни 16 сола нарасидааст, инчунин иваз намудани насаби пештар ба ӯ дода шуда ба насаби волиди дигар танҳо бо роҳи муроҷиат кардан ба мақомоти васоят ва парасторӣ мумкин аст. Мақомоти васоят ва парасторӣ қарор мебарорад ва дар асоси он насаби фарзанди шумо иваз карда мешавад.

Ивази ном, номи падар ва насаби фарзанди ба балоғат нарасида, фақат бо розигии волидайн, падархонд (модархонд) ё парасторон амалӣ мегардад. Бе чунин розигӣ, танҳо дар асоси қарори суд, ғайр аз ҳолатҳое, ки шахс қобилияти амалкунии пурраро соҳиб шудааст.

**Ҳуқуқҳои молу мулкии ҳамсарон.**

***25. Ман мехоҳам аз шавҳарам ҷудо шавам, аммо ӯ розӣ нест, чунки мехоҳад бо роҳи судӣ, хонаеро, ки ба ман ҳамчун мерос аз модарам мондааст, инчунин он чизҳоеро, ки модарам ба ман пеш аз ба шавҳар баромаданам додааст, гирад. Оё хонае, ки ба ман аз***

***модарам мерос мондааст ва он чизҳоеро, ки ба ман пеш аз никоҳ тӯҳфа кардаанд, тақсим карда мешавад?***

Мувофиқи қонун амволе, ки ба ҳамсарон пеш аз никоҳ тааллуқ дошт, инчунин он амволе, ки баъд аз никоҳ ба ҳамсарон ҳамчун тӯҳфа ва ё мерос омадааст, молу мулки шахсии ҳар яки онҳо ҳисоб мешавад. Амволи шахсии ҳамсарон (либос, пойафзол ва ғайра), ғайр аз ҷавоҳирот ва дигар ашёи пурқиммат, ҳар чанд ки бо маблағи ҳар ду ҳамсарон харидашуда бошанд ҳам, амволи шахсии ҳар яке аз ҳамсарон дониста мешавад.

***26. Ман аз зани худ 3 моҳ пеш ҷудо шудам. Мо соҳиби се фарзанд ҳастем. Ман бо ӯ тақрибан 20 сол зиндагӣ кардам. Аммо амволро тақсим накарда будем. Дар вақти зиндагии якҷояамон ман бисёр чизҳо харидам, ба монанди ду хонаи истиқоматӣ (2 ва 3-ҳуҷрагӣ), мебел, ғайр аз ин хонаи се утоқаро таъмир кардам. Ӯ ҳам кор мекард, аммо музди меҳнаташ хеле хурд буд. Ҳоло ман дар хонаи ду ҳуҷрагӣ зиндагӣ мекунам, занам бошад дар хонаи 3-ҳуҷрагӣ. Оё ӯ ба он***

***амволе, ки ман харидаам ҳуқуқ дорад?***

Амволе, ки аз тарафи ҳамсарон харида шуд, моликияти якҷояи ҳамсарон ба ҳисоб меравад. (агар никоҳи онҳо дар САХШ ба қайд гирифта шуда бошад). Моликияти якҷояи ҳамсарон – ин фоидаи ҳар яке аз ҳамсар, ки дар вақти зиндагии якҷояашон аз фоидаи меҳнатӣ, аз тиҷорат ё навистани китоб, мақола дар газета (молу мулки интелектуалӣ), суруд, ёрдампулӣ ё дигар намуди пардохти пулӣ, молӣ , қоғазҳои қимматнок (саҳмия) ва дигар амволи манқул ва ғайриманқул, ки дар давраи никоҳи давлати ба даст омадааст,ба шумор меравад, новобаста аз он, ки ба номи кадоме аз ҳамсарон харида шудааст. Молу мулки якҷояи ҳамсарон байни худ бо розигии дутарафа тақсим карда мешавад ва ё агар ягон баҳс оид ба тақсими ин молу мулк бо муайянкунии ҳиссаи ҳар як ҳамсар ба вуҷуд ояд, тақсимот бо тартиби судӣ амал карда мешавад. Дар вақти тақсими молу мулк ҳиссаи ҳамсарон баробар дониста мешаванд. Суд ҳал менамояд, ки амвол чӣ тавр бояд тақсим карда шавад. Барои ин Шумо бояд

аризаи даъвогӣ оид ба тақсими молу мулк пешниҳод намоед. Ба аризаи даъвогии худ, Шумо бояд нусхаи аризаи даъвогӣ, ҳуҷҷатҳои муайянкунандаи ҳуқуқи шумо ба хона, манзили истиқоматӣ (шартнома оид ба хариду фурӯш, тӯҳфа), шиносномаи техникӣ, шаҳодатномаи бастани акди никоҳ (агар шумо ҷудо шуда бошед, шаҳодатномаи бекор кардани акди никоҳ), квитансия оид ба пардохти боҷи давлатӣ пешниҳод намоед.

***27. Шавҳари ман хонаеро, ки дар давраи никоҳ харида будем, фурӯхт. Хона ба номи шавҳарам буд. Оё ӯ ҳуқуқ дошт, ки бе розигии ман хонаро фурӯшад?***

Не, шавҳаратон ҳуқуқ надошт хонаеро, ки дар давраи никоҳ харидаед, фурӯшад. Шумо ҳуқуқ доред бо тартиби судӣ талаб намоед, ки шартномаи хариду фурӯши хона дар муддати се сол аз рӯзи огоҳшавии шумо ё аз вақте ки мебоист шумо огоҳ шавед, бекор карда шавад.

***28. Ман бо шавҳарам зиёда аз 30 сол меша-***

***вад, ки зиндагӣ мекунам, тамоми умр ман дар хона нишаста, фарзандонамонро тарбия мекардам, хонаро нигоҳубин мекардам, хӯрок мепухтам, либосҳоро мешустам. Муддати ин вақт чӣ воқеа дар хона шавад, ман назорат мебурдам. Аммо ман кор намекардам ва ягон фоида ба хона намеовардам. Чанд рӯз пеш ман бо шавҳарам сахт ҷанг шудам ва ӯ гуфт, ки маро аз хона пеш мекунад ва ман ягон ба амвол ҳуқуқ надорам, яъне на ба хона, на ба амволе, ки дар хона воқеъ аст, ҳатто ба он чизҳое, ки ба ман тӯҳфа карда буданд. Оё ман ҳуқуқ дорам ба ҳиссае аз ягон намуди амвол соҳиб шавам, чунки ман дар хона менишастам ва ягон фоида намеовардам?***

Мутобиқи қонун ҳамсар, ҳарчанде ки дар давраи издивоҷ фақат корҳои хонаро ба дӯш дошт, фарзандонашро нигоҳубин мекард ва бо сабабҳои узрнок (маъюбӣ, бесаводӣ, надонистани забон ва ғ.) ягон фоидае намеовард, ҳуқуқ ба амволе, ки ҳамсарон дар давраи никоҳи давлатии худ ба даст оварданд, ҳуқуқ дорад,чунки ин амвол, моликияти якҷояи онҳо ба ҳисоб

меравад.

***29. Ман бо шавҳарам дар никоҳи мусулмонӣ зиндагӣ мекардам, 2 моҳ пеш ӯ аз дунё гузашт, оё ман ҳуқуқи хонаро ба номи худ кардан дорам, чунки ман бо ӯ 17 сол зиндагӣ кардам ва 5 фарзанди ноболиғ дорам?***

Дар чунин ҳолат фақат фарзанде, ки бо насаби падар қайд шудааст, меросхӯр ҳисоб меёбад. Шумо ҳамчун модари фарзандони ноболиғ, васии қонунӣ ҳисоб ёфта, манфиатҳои онҳоро дар мақомотҳои давлатӣ намояндагӣ карда метавонед. Аз ҳамин лиҳоз, баъди ба мақомоти нотариалии ҷои зист аз номи фарзандон муроҷиат намудан, Шумо метавонед меросро қабул намоед.

***30. Баъд аз бекор кардани ақди никоҳ, шавҳарам маро аз хонаи падару модараш ронд. Аз сабабе, ки мо хонаи шахсӣ надоштем, бо волидайни шавҳарам мезистем. Хона ба номи хусурам қайд шудааст . Мо соҳиби ду фарзанди ноболиғ мебошем. Оё ман метавонам ба хонаи волидайни собиқ шавҳарам маскун шавам, чунки ман ягон ҷои зисти дигар надорам?***

Бале, Шумо баъд аз бекоркунии никоҳ,

агар шавҳаратон шуморо аз хона ронда бошад, ҳуқуқ доред, бо аризаи даъвогӣ оид ба маскун шудан ба манзили истиқоматии ҳамсаратон, ки шумо дар он ҷо то бекоршавии никоҳи худ зиндагӣ мекардед, ба суд муроҷиат кунед. Масъалаҳо оид ба маскун шудан аз тарафи суд ҳал карда мешавад.

**Аҳдномаи ақди никоҳ**

***31. Оё дар Тоҷикистон ақди никоҳ бо шартнома баста мешавад.***

Бале, мешавад. Аҳдномаи ақди никоҳ метавонад пеш аз қайди давлатии ақди никоҳ, инчунин метавонад дар вақти дилхоҳ баъди никоҳ, яъне дар вақти зиндагии оилавӣ, баста шавад.

Аҳдномаи ақди никоҳ, ки то бақайдгирии давлатии ақди никоҳ баста мешавад, аз рӯзи қайди давлатии ақди никоҳ амал мекунад.

***32. Ман дар вақтҳои наздик ба шавҳар баромаданиам. Фаҳмидам, ки аҳдномаи ақди никоҳ бастан мумкин будааст. Шавҳаршавандаам ба ин зид нест. Мехостам пурсам, ки дар аҳднома маблағи пардохти ҷуброн барои***

***хиёнати шавҳар нишон додан мумкин аст?***

Не, аҳдномаи ақди никоҳ, мувофиқи қонунгузории ҶТ, муносибатҳои шахсии ҳамсаронро ба тартиб дароварда наметавонад. Масалан: ба аҳднома суханҳое, ба монанди, ҳамсар ҳуқуқ надорад таҳсил кунад, аз хона берун бараояд ва ғайраҳо навиштан мумкин нест.

Аҳдномаи ақди никоҳ фақат ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои амволиро ба танзим медарорад. Масалан: муайян кардани амволе, ки дар ҳолати бекор кардани никоҳ кардан, бояд тақсим шавад ё ин, ки муайян кардани усулҳои иштирок дар даромади якдигар.

**Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои волидайн ва фарзандон**

***33. Ду моҳ пеш ман фарзанд таваллуд кардам. Падари фарзандам дар бораи ин чизеро намедонад ва ман ба хулосае омадам, ки ба ӯ намегӯям, чунки ӯ оиладор аст ва ман онҳоро халалдор кардани нестам. Кӯдакро ман барои худам таваллуд кардам ва худро модари танҳо меҳисобам. Раванди сабткунии падари фарзанд чӣ тавр сурат мегирад, дар ҳолате, ки фарзанд падар на-***

***дошта бошад?***

Агар фарзанд ба модари танҳо ба дунё ояд (зане, ки никоҳ надорад), дар ин ҳолат насаби модар дода мешавад. Ном ва номи падар бо маслиҳати модар ниҳода мешавад.

***34. Духтари ман бо марде тақрибан се сол ошноӣ дошт. Як моҳ пеш ӯ духтар таваллуд кард. Падар аз фарзанд даст кашид ва ҳеҷ чизро фаҳмидан намехоҳад. Вай худро падари духтарча намеҳисобад. Ҳама хешу табори мо ӯро мешинохтанд ва дар бораи ошноияшон хабар доштанд. Ман ва духтарам мехоҳем исбот кунем, ки фарзанд, фарзанди ӯст. Дар ҳолати розӣ набудани падар чӣ тавр падариро муайян кардан мумкин аст?***

Муқаррар кардани падари фарзанд аз тарафи суд амалӣ мегардад. Аризаи даъвогӣ оид ба муқаррар кардани падарӣ ба суди ҷои истиқомати шумо ё ӯ, пешниҳод карда мешавад. Ҳангоми муқаррар кардани падарӣ суд далелҳои ҳамзистӣ ва бурдани хоҷагии якҷояи падар ва модари фарзанд (ба монанди хариди хӯрокворӣ, молҳои рӯзғор, нигоҳубини модари фарзанд аз тарафи падар), тарбияи якҷоя ва нигоҳубини фарзанд ва инчунин

дигар далелҳое, ки падарии шахси муайянро тасдиқ менамояд ба назар мегирад. Агар суд далелҳои пешниҳодшударо саҳеҳ ва кофӣ шуморад, дар ин маврид суд ҳалнома оид ба тасдиқи падарӣ мебарорад.

***35. Зани ман умуман фарзандонро нигоҳубин намекунад. Фақат дар кор аст, ба хона кам меояд, кӯдакон ӯро ҳатто дар хотир надоранд. Онҳо 4 ва 7 сола ҳастанд. Ман бо ӯ қариб, ки зиндагӣ намекунам. Модарам кӯдаконро нигоҳубин мекунад. Занам бошад, дар тарбияи онҳо ягон иштироке надорад. Ман мехоҳам занамро аз ҳуқуқҳои модариаш маҳрум созам. Дар кадом ҳолат аз ҳуқуқҳои падариву модарӣ маҳрум месозанд?***

Падару модар ё ин, ки яке аз волидайн дар чунин ҳолатҳо аз ҳуқуқи падариву модарӣ маҳрум мешаванд:

- аз иҷрои ӯҳдадориҳои падариву модарӣ, аз ҷумла додани алимент қасдан саркашӣ кунанд;
- бе сабабҳои узрнок аз таваллудхона (таваллудгоҳ) ё муассисаи дигари тиббӣ ё тарбиявӣ, муассисаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва ё дигар муассисаҳои монанди он

гирифтани фарзанди худро рад намоянд;
- аз ҳуқуқи падару модарии худ суиистифода намоянд;
- ба фарзандон муносибати бераҳмона кунанд, аз ҷумла нисбати онҳо зӯроварии ҷисмонӣ ё руҳиро раво бинанд, ба дахлнопазирии ҷинсии онҳо сӯиқасд намоянд;
- майзада ё нашъаманди ашаддӣ бошанд;
- бар зидди ҳаёт ва саломатии фарзандони худ ё саломатии ҳамсари худ қасдан ҷиноят содир карда бошанд.

***36. Ман мехоҳам вазъи модари танҳоро гирам. Никоҳи мо 5 сол аст, ки бекор карда шудааст. Оё ман модари танҳо ҳисоб меёбам? Агар не, чӣ тавр ин вазъро гирам?***

Модари таҳо – ин зане, ки фарзандашро худ тарбия менамояд. Агар дар шаҳодатномаи кӯдак, ба ҷои номи падар хати рост кашида шуда бошад, дар ин маврид модармодари танҳо ҳисобида мешавад. Агар никоҳи Шумо бекор карда бошад, вале мувофиқи шаҳодатнома падари фарзанд, шавҳари собиқи шумо дарҷ гардидааст, дар ин ҳолат шумо модари танҳо ҳисоб намешавед.

***37. Чанде пеш писари ман аз занаш ҷудо шуд. Баъд аз ин ҳодиса келини собиқи ман, писарам, ман ва шавҳарамро намемонад, ки наберахоямро бинем. Ӯ намемонад, ки набераҳоям бо мо дар тамос бошанд. Мо онҳоро қариб ним сол шуд, ки надидаем. Оё мо метавонем бо кӯдакон дар тамос бошем, агар писару келинам ним сол пеш ҷудо шуда бошанд?***

Кӯдак ҳуқуқ дорад, ки бо ҳарду волидайн, бобо, бибӣ, бародарон, хоҳарон ва дигар хешу ақрабо дар муносибат бошад. Бекоркунии никоҳ, беэътибор донистани он ё аз ҳам ҷудо зистани волидайн, ҳуқуқи кӯдакро ба дидори Шумо маҳрум намесозад. Дар ҳолати зайл, Шумо метавонед ба суд, бо аризаи даъвогӣ оид ба рафъ кардани мамониятҳо барои рафтуомад бо кӯдак, муроҷиат намоед.

***38. Дар кадом сину сол кӯдак метавонад интихоб кунад, ки бо кадоме аз волидайн ӯ мехоҳад зиндагӣ кунад бо падар ё модар?***

Фарзанд ҳуқуқ дорад озодона фикри худро дар ҳалли масъалаҳои оилавӣ, ки ман-

фиатҳои ӯро халалдор мекунанд, иштирок намояд, инчунин дар мурофиаи судӣ ё маъмурӣ иштирок намояд. Ба назар гирифтани фикри кӯдаке, ки синнаш ба 10 сола расидааст, ҳатмист, ба истиснои ҳолатҳое, ки ба манфиати ӯро халалдор месозад. Аз ҳамин лиҳоз, аз синни 10 солагӣ фикри кӯдак, оид ба бо кӣ зистан, ба назар гирифта мешавад. Дар ҳолате, ки агар волидайн ба созише наоянд, суд бо назардошти ҳам шароити моддӣ ва ҳам манзилии падар ва модар ин масъаларо ҳал менамояд.

**Ӯҳдадориҳои алиментии падару модар ва кӯдак.**

***39. Шавҳари ман муддати дароз дар ягон ҷо кор намекунад. Вай худро ҳамавақт аз ман дур мекашад, ман бошам пурсидани маблағ аз ӯ барои таъмини писарамон, монда шудам. Муқаррар намудани маблағи устувор, ки ҳар моҳ аз ҷониби шавҳарам пардохта шавад, имконпазир аст ё не?***

Албатта имконпазир аст, зеро волидайне, ки ҳамроҳи фарзандаш зиндагӣ намекунанд, ё ин ки зиндагони мекунад ва ба

таъминоти кудакон камаҳамиятӣ мекунад алимент талаб карда мешавад. Мухим нест ки падар ва модар ҷудо зиндагони кунанд, ӯҳдадории таъмини фарзанди худро ба зимма доранд, новобаста аз он, ки вай даромади мунтазам дорад ё не. Барои ин бояд ба суд бо аризаи даъвогӣ муроҷиат кард. Суд андозаи алиментипардохташавандаро бо маблағи устувор, ки аз волидайн ҳар моҳ барои таъмини кӯдак ситонда мешавад, муайян менамояд.

***40. Ба кадом давра мумкин аст, ки алимент ситонида шавад, агар собиқ шавҳарам аллакай 5 сол аст, ки аз таъмини писараш саркашӣ мекунад.***

Алимент аз ҳамсари собиқ бо тартиби судӣ барои мӯҳлати гузашта то давраи сесола ситонида мешавад. Дар баробари ин суд ҳолатеро низ ба назар мегирад, ки аз тарафи ҳамсар барои гирифтани таъминот чора дида шуда буд, вале ҳамсари собиқ аз супоридани алимент саркашӣ намуд.

***41. Андозаи алименте, ки барои кӯдакони ноболиғ бо тартиби судӣ ситонида меша-***

***вад, чӣ қадар аст?***

Ҳангоми мавҷуд набудани созишнома дар хусуси пардохти алимент барои фарзандони ноболиғ суд аз волидони онҳо ба шарте, ки чои кори муайян дошта бошад хар мох аз музди маоши волидайн ба андозахои зерин алимент руенида мешавад:

- Чоряки музд ё дигар даромад (25%) – барои як кӯдак
- Сеяки музд ё дигар даромад (33%) – барои ду кӯдак
- Нисфи музд ё дигар даромад (50%) – барои се ва зиёда кӯдак

Масъалан, агар маоши расмии ҳамсар 400 сомонӣ бошад ва андозаи алимент барои 1 кӯдак 1/4 маоши ҳамсарро ташкил диҳад, пас дар ин ҳолат андозаи алимент 400 сомонӣ х 25% = 100 сомонӣ мебошад.

***42. Ман бо собиқ ҳамсарам намехоҳем, ки дар ҷои кори ӯ донанд, ки ӯ аз музди меҳнаташ ба ман барои таъминоти кӯдак алимент мепардозад. Оид ба созишномаи пардохти алимент шунидам ва мехостам донам, ки он чист?***

Созишнома ин як намуди ахде мебошад, ки волидайн метавонанд байни якдигар ва бо рохи созиш маблаги муайянро барои таъминоти фарзанд муайян намоянд ва хатман бояд бо тарики нотариали тасдиқ намоянд. Андозаи алиментро тарафҳо муайян мекунанд.

***43. Ман метавонам аз писари болиғам барои таъминоти худ алимент ситонам, зеро ки ман муддати дароз дар нафақаи маъюбӣ ҳастам?***

Албатта метавонед, зеро тибқи қонунгузорӣ фарзандони болиғи қобили меҳнат ӯҳдадоранд, ки падару модари ғайри қобили меҳнати ба кӯмак эҳтиёҷ доштаи худро нигоҳубин намоянд ва нисбат ба онҳо ғамхор бошанд.

***44. Вазъи моддии ман хеле вазнин аст ва ман қобилияти пардохти таҳсили писарамро дар донишгоҳ надорам, метавонам ман аз собиқ шавҳарам барои таҳсили писарамон маблағ талаб намоям?***

Бале, шумо метавонед бо аризаи даъ-

вогӣ ба суд барои ситонидани алимент муроҷиат намоед. Қонунгузорӣ барои кӯдакони то синни 18 сола ситонидани алиментро муқаррар кардааст, вале дар ҳолате, ки писари Шумо дар шакли рӯзонаи таҳсил дар донишгоҳ таҳсил мекунад, суд метавонад муқаррар намояд, алимент то ба синни 24 солагӣ расидани ӯ ситонида шавад. Андозаи алимент бо назардошти вазъи моддии шавҳаратон муқаррар карда мешавад. Агар писаратон ба шакли ғоибонаи таҳсил гузарад, он гоҳ шавҳаратон бо тартиби судӣ қатъ кардани ӯҳдадориҳио алиментии худро талаб карда метавонад, зеро дар ин ҳолат писаратон худашро таъмин карда метавонад.

***45. Агар андозаи маоши расмии шавҳарам аз оне, ки вай дар асл мегирад кам бошад, чӣ тарз алиментро маҳз аз маблаги калони вай гирифтан мумкин аст?***

Гирифтани алимент аз маблағи калон имконнопазир аст, агар ҳуҷҷати тасдиккунандаи он вуҷуд надошта бошад. Аммо барои муқаррарнамоии маблағи муайяни

пардохташаванда ба суд муроҷиат кардан мумкин аст. Суд вазифадор аст, ки аризаи шуморо бо назардошти ҳамаи ҳолатҳои кор, дида барояд. Вале андозаи қатъии алиментро суд дар доираи маблағи арзшуда, бо дарназардошти вазъи модии тарафҳо, талаботи кӯдак ва дигар ҳолатҳои ҷолиби диққат, муқаррар мекунад.

***46. Ман духтари болиғи маъюб дорам. Собиқ шавҳарам бо қарори суд ба ман алимент месупорад, баъди якчанд моҳ ӯ ба нафақа мебарояд. Мехостам донам, ки аз нафақапулӣ алимент ситоида мешавад?***

Баромадани собиқ шавҳаратон ба нафақа, ки бо қарори суд ӯҳдадории пардохти алиментро ба зимма дорад, асос барои қатъи ин ӯҳдадорӣ шуда наметавонад. Дар ин масъала вазъи модии шавҳаратон нақши ҳалкунандаро мебозад. Ҳаминро қайд кардан лозим мебошад ки барои фарзанди маъюб алименти якумра пешбинӣ шуда аст. Алимент аз хамаи манбаи даромадхо новобаста аз оне ки нафака ё дигар манбаи даромад мебошад, ситонида мешавад

***47. Ба кадом андоза алимент аз падар барои се фарзанд (кӯдак) ситонида мешавад, агар дутои онҳо аз як зан ва яктои дигараш аз дуюм зан? Яъне ба зани якум чанд фоиз ва ба дуюм чанд фоиз муқаррар мешавад?***

Барои ҳар як фарзанд (кӯдак) қарори алоҳидаи судӣ бо муқаррар намудани андозаи муайяни алимент бояд бошад. Алимент барои фарзандони ноболиғ аз падару модари онҳо ҳар моҳ ситонида мешавад. (андозаи алименти ситонидашаванда нигаред ба саволи 40)

***48. Ман тамоми умрам дар комбинати кимёвӣ кор кардам. Дар вақтҳои охир худро бемадор ҳис мекардам ва маро барои гузаштани Комиссияи Имтиҳонии Тибби – Меҳнатӣ (КИТМ) фиристоданд. Духтурон ба ман гурӯҳи дуюми маъюбӣ муқаррар карданд, яъне акнун ман хонашин ҳастам. Ман аз собиқ шавҳарам барои таъминоти худ алимент ситонида метавонам?***

Агар Шумо ҳамчун ҳамсари собиқ то қатъи ақди никоҳ ё ин, ки то ба як соли пас

аз қатъи он ғайри қобили меҳнат гаштед, онгоҳ Шумо бо тартиби судӣ метавонед аз собиқ шавҳаратон барои таъминоти худ ситонидани алиментро талаб намоед.

***49. Чӣ гуна ҷавобгарӣ барои саркашӣ аз пардохти алимент пешбинӣ шудааст?***

Саркашӣ аз пардохти алимент ҷавобгарии ҷиноятиро, чӣ ба падару модар ва чӣ ба фарзандон, ки аз пардохти он саркашӣ мекунад, ба вуҷуд меорад. Ҷавобгарӣ дар шакли корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ ба муҳлати то ду сол ё маҳрум кардан аз озодӣ ба ҳамин муҳлат таъин мегардад. Ҳангоми таъини корҳои ислоҳӣ аз музди меҳнати маҳкумшуда аз 10% то 30% ба манфиати давлат ситонида мешавад.

Масъалаҳои фарзандхонӣ

***50. Ман зани танҳо ва вазъи саломатиям ба ман имконияти фарзанддор шуданро намедиҳад. Ман метавонам кӯдакро ба фарзандӣ қабул кунам?***

Қонунгузорӣ ба занҳои танҳо ба фарзандӣ қабул кардани кӯдакро иҷозат дода-

аст. Сараввал Шумо бояд ба суд ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод намоед: хулосахои тиббӣ оид ба вазъи саломатӣ (модархонд), маълумотнома аз ҷои кор дор борои музди меҳнат, агар модархонд (падархонд) нафақахӯр бошад, маълумотнома оид ба гирифтани нафақа, маълумотнома оид ба доги суди, ҳуҷҷати тасдиққунандаи ҳуқуқи моликиятии шахс ба манзили истиқоматӣ, маълумотнома оид ба хайати оила, шаҳодатномаи таваллуди кӯдаки ба фарзандӣ қабулшаванда, шаҳодатномаи таваллуди худи шумо, инчунин Шумо бояд розигии хаттӣ аз волидайни кӯдак барои ба фарзанди қабул кардани ӯ гиред (агар ин хел зарурият вуҷуд дошта бошад). Фарзандхонӣ бо тартиби судӣ бо иштироки мақомоти васоят ва парасторӣ ва инчунин прокурор муқаррар мегардад. Барои муқаррар кардани фарзандхонӣ, хулосаи мақомоти васоят ва парасторӣ оид ба асоснок будани он зарур аст.

***51. Шаҳрвандони хориҷӣ ҳуқуқи ба фарзандӣ қабул кардани кӯдаконе, ки шаҳрвандони***

***ҶТ мебошанд, доранд ё не?***

Не, надоранд, қонунгузории амалкунандаи оилавии Тоҷикистон ба шаҳрвандони хориҷӣ имконияти ба фарзанди қабул кардани шаҳрвандони Тоҷикистонро намедиҳад.

***52. Чӣ тарз ҷиянамро ба васигӣ қабул намоям, агар падару модари вай вафот карда бошанд?***

Дар қонун омадааст, ки дар навбати аввал ҳуқуқ барои васигӣ ба хешовандон дода мешавад. Васӣ тавассути мақомоти васояту парасторӣ таъин карда мешавад. Ба мақомоти мазкур муроҷиат намуда, инчунин ҳуҷҷатҳои лозимиро пешниҳод карда, шумо метавонед васии ҷиянатон шавед. Мақомоти васояту парасторӣ дар маҳалҳо ҳокимияти иҷроияи маҳалӣ ба ҳисоб меравад (Ҳукумат).

Номгӯи ҳуҷҷатҳое, ки барои муқаррар кардани васигӣ лозиманд: 1) Маълумотномаи муассиса ё шахс оид ба ноболиғоне, ки бепарастории падару модар мондаанд, ҳалномаи суд дар бораи ғайри қобили

амал ё қобилияти маҳдуди амал эътироф намудани шаҳрванд, аризаи шахс оид ба зарурияти муқаррар намудани васигӣ барои ӯ; 2) Аризаи шаҳрванд оид ба доштани хоҳиши васӣ шудан, маълумотнома дар бораи вазъи саломатияш ва тавсифнома аз ҷои кор; 3) Розигии ҳамсар, агар шахси ба васояти худ кӯдаки ноболиғро қабулкунанда оиладор бошад; 4) Санад оид ба санҷиши ҳолати истиқомати ва вазъи моддии шахсе, ки хоҳиши васӣ шуданро дорад; 5) Санад оид ба санҷиши ҳолати истиқомати ва вазъи моддии шахсе, ки барои ӯ васоят муқаррар мешавад.

***53. Ҷиянам ба наздикӣ 14 сола мешавад, то ин дам ман васии қонунии ӯ будам, акнун бошад мегӯянд, ки ман бояд парастори ӯ шавам. Мехостам донам парасторӣ чист?***

Парасторӣ барои ноболиғони аз чордаҳсола то ҳаждаҳсола бо мақсади ҳифзи ҳуқуқҳои ноболиғоне, ки аз падару модар маҳрум шудаанд, муқаррар карда мешавад. Парастор ӯҳдадор аст, ки шахси ба парасторӣ гирифтаашро тарбия кунад, дар

бораи саломатӣ, такомули ҷисмонӣ, рӯҳӣ, маънавӣ ва ахлоқӣ, таҳсил ва касбомӯзии ӯ ғамхорӣ зоҳир намояд.

Дар охир Шумо метавонед бо якчанд намуди аризаҳои даъвогӣ шинос шавед, ки аз назари мо дар амалияи судӣ оид ба парвандаҳои оилавӣ бисёр ба назар мерасанд ва мо умедворем, ки ҳангоми ба суд муроҷиат кардан ба Шумо ёрӣ мерасонанд.

*Намунаи №1*

## Аризаи даъвогӣ дар бораи бекор кардани ақди никоҳ.

Ба суди ноҳияи: ____________________

Даъвогар:____________________
Ному насаб

Суроға:____________________

Ҷавобгар:____________________
Ному насаб

Суроға:____________________

## Аризаи даъвогӣ

(дар бораи бекор кардани ақди никоҳ)

«___»___________ сол ман ман бо шаҳрванд ______________________ ақди никоҳ бастем ва якҷоя то «___»__________ сол якҷоя зиндагӣ намудем. Никоҳи мо дар мақомоти САҲШ-и ____________________ ба қайд гирифта шудааст. Аз никоҳи мазкур соҳиби фарзандони ноболиғ ҳастем:_______________________________
(ному насаби фарзандон ва саннаи таваллуди онҳо)

Фарзандон пурра дар таъминоти ман қарор доранд. Падарашон барои таъмини онҳо ягон хел ёрии моддӣ намедиҳад.

**Дар асоси гуфтаҳои боло ва бо дастрасии м.м. 80, 81 КО ҶТ, Аз Суд хоҳиш менамоям:**

Аз хисоби чавобгар________________, ки истиқоматкунандаи ________________ аст,
(ному насабро бо пуррагӣ нишон диҳед)

алимент барои таъминоти фарзандони ноболиғи мо дар андозаи____________ қисми ҳамаи даромадҳои ӯ ҳар моҳ, аз вақти додани ариза ва то ба балоғат расидани фарзандон, ба манфиати ман руёнида шавад.

**Замима:**

1. Аризаи даъвогӣ дар 3 нусха.
2. Шаҳодатномаи хатти никох.
3. Нусхаи шаҳодатномаи таввалуди кӯдак (ҳо)
4. Маълумотнома аз ҷои кори алиментдиҳанда оид ба андозаи музди меҳнат ва оид ба нигоҳдорӣ аз он (на ҳамавақт талаб карда мешавад)

«___»_____________201__г

_____________________
(имзо)

*Намунаи №2*

## Аризаи даъвогӣ оид ба руёнидани алимент

Ба суди ноҳияи: ________________

Даъвогар: ________________
Ному насаб

Сурогa: ________________

Ҷавобгар: ________________
Ному насаб

Сурогa: ________________

### Аризаи даъвогӣ

(Дар бораи руёнидани алимент)

«_____» __________ сол ман ман бо шаҳрванд _________ ақди никоҳ бастем ва якҷоя то «___» ______________ сол якҷоя зиндагӣ намудем. Никоҳи мо дар макомоти САҲШ-и ________________ ба қайд гирифта шудааст. Аз никоҳи мазкур соҳиби фарзандони ноболиғ ҳастем: ______________________
(ному насаби фарзандон ва саннаи таваллуди онҳо)

Фарзандон пурра дар таъминоти ман қарор доранд. Падарашон барои таъмини онҳо ягон хел ёрии моддӣ намедиҳад.

**Дар асоси гуфтаҳои боло ва бо дастрасии м.м. 80, 81 КО ҶТ, Аз Суд хоҳиш менамоям:**

Аз хисоби чавобгар ___________, ки истиқматкунандаи __________________________ аст,
(ному насаби фарзандон ва саннаи таваллуди онҳо)

алимент барои таъминоти фарзандони ноболиғи мо дар андозаи _____________________ қисми ҳамаи даромадҳои ӯ ҳар моҳ, аз вақти додани ариза ва то ба балоғат расидани фарзандон, ба манфиати ман руёнида шавад.

**Замима:**

1. Аризаи даъвогӣ дар 3 нусха.
2. Шаҳодатномаи хатти никох.
3. Нусхаи шаҳодатномаи таввалуди кӯдак (ҳо)
4. Маълумотнома аз ҷои кори алиментдиҳанда оид ба андозаи музди меҳнат ва оид ба нигоҳдорӣ аз он (на ҳамавақт талаб карда мешавад)

«___»______________201__г

____________________
(имзо)

*Намунаи №3*

# Аризаи даъвогӣ оид ба тақсими молу мулки якҷояи ҳамсарон

Ба суди ноҳияи: ________________

Даъвогар: ________________
Ному насаб

Суроға:________________

Ҷавобгар:________________
Ному насаб

Суроға:________________

**Аризаи даъвогӣ**
**(Оид ба тақсими моликияти муштараки зану шавхар)**

«_____»__________сол ман ман бо ҷавобгар ________________ акди никоҳ бастем. Аз никоҳи мазкур соҳиби фарзанд (ҳо) ҳастем: ________________________________
(ному насаби фарзандон ва саннаи таваллуди онҳо)

Зиндагии якҷояи мо бо ҷавобгар нағз нашуд. Бо қарори суд аз «_____» __________
(санаи ҳалномаи суд дар бораи қатъи никоҳ)

сол муносибатҳои никоҳии мо қатъ гашт.

Масъалаи таъмин ва тарбияи фарзанд (ҳо) баҳс вуҷуд надорад. Фарзанд (ҳо) бо______ ______________________________ мемонанд.
(бо кадоме аз волидон)

Розигӣ байни мо оид ба тақсими молу мулки якҷоя, ки ҳангоми зиндагии якҷояи мо ба даст омадаанд, нест. Дар муддати зиндагии якҷояи мо молу мулки зерин ба даст омадаанд ______________________________ ______________________________
(номгӯи молу мулкро нависед)

ки арзиши онҳо ______________________ сомониро ташкил медиҳад.

**Дар асоси гуфтаҳои боло ва бо дастрасии м.м. 38, 39 КО ҶТ, Аз Суд хоҳиш менамоям:**

Моликияти муштараки моро тақсим намоед, ба ман ______________________________
(ногӯи молу мулк, арзиши ҳар як предмет)

Ба ҷавобгар ______________________________
(ногӯи молу мулк, арзиши ҳар як предмет)

ба маблағи умумии ___________ сомони.

2. Аз сабабе, ки фарзандон бо ман мондаанд хохиш менамоям хиссаи онхо ба инобат гирифта шавад.

**Замима:**

1. Аризаи даъвогӣ дар 3 нусха.
2. Нусхаи шаҳодатномаи таввалуди кӯдак (ҳо)
3. Хучатхои тасдиккунандаи моликияти муштарак
4. Маълумотнома аз ҷои зист
5. Нусхаи шиноснома
6. Квитансия дар бораи пардохти боҷи давлатӣ

«___»________________201__г

_______________________
(имзо)

*Намунаи №4*

## Аризаи даъвогӣ оид ба муқаррарнамудани падарӣ

Ба суди ноҳияи: ________________

Даъвогар:________________
Ному насаб

Суроға:________________

Ҷавобгар:________________
Ному насаб

Суроға:________________

**Аризаи даъвогӣ**
(Оид ба муқаррарнамудани падарӣ)

Бо ҷавобгар ______________________________
аз «___»__________ сол то «___»__________
мо хоҷагии якҷоя мебурдем, вале ақди никоҳ набаста будем. Дар муддати мазкур ман соҳиби фарзанд (ҳо) шу дам: ________

______________________________________________
(ному насаби фарзандон ва саннаи таваллуди онҳо)

Ҷавобгар падари ӯ (онҳо) мебошад, вале ӯ аз додани ариза ба мақомоти САҲШ дар бораи ба қайдгирии падарӣ саркашӣ мекунад.

Падарии ҷавобгар нисбати ______________

__________________________________________
(ному насаби фарзанд (ҳо))

бо далелҳои зерин тасдиқ мегардад: _____

__________________________________________
(далелҳое, ки тасдиқкунандаи зиндагии якҷоя ва бурдани хоҷагии умумӣ бо ҷавобгар

__________________________________________

__________________________________________
то таваллуди кӯдак (ҳо) ё ин ки тарбияи якҷоя

__________________________________________

__________________________________________

__________________________________________
ва дигар далелҳое, ки муқарраркунандаи падарии ҷавобгарро биёред)

**Дар асоси гуфтаҳои боло ва бо дастрасии м.м. 50, 51 Ко ҶТ, Аз Суд хоҳиш менамоям:**

__________________________________________
(ному насаби ҷавобгар, сана ва ҷои таваллудро миллат, ҷои истиқомат ва ҷои кор)

__________________________________________

падар____________________муқаррар намоед.
(ному насаби кӯдак (ҳо), санаи таваллуд)

**Замима:**

1. Аризаи даъвогӣ дар 3 нусха.
2. Нусхаи шаҳодатномаи таввалуди кӯдак (ҳо)
3. Далелҳои тасдиқкунандаи зиндагии якҷоя ва бурдани хоҷагии умумӣ
4. Маълумотнома оид ба ҷои истиқомат
5. Боҷи давлатӣ.

«___»______________201__г                ________________

*Барои қайдҳо*

*Барои қайдҳо*

*Барои қайдҳо*